**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-049 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии № 15**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 05.09.2025, № 10**

Барои сазовор донистани Пиров Саидали Мирзоалиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ.

Диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» ба ҳимоя 30-юми майи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №13, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-049 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10, бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 феврали соли 2022, №53/шд (инчунин аз 25 октябри соли 2024, № 378/шд), таъсис дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Пиров Саидали Мирзоалиевич 28-уми июли соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2006 зинаи мутахассисро дар Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси математикаи амалӣ хатм намудааст. Солҳои 2014 то 2017 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи ДМТ таҳсил кардааст (Маълумотномаи №787 аз 12.12.24). Аз соли 2006 то соли 2018 ба ҳайси ассистент ва аз соли 2019 то айни замон дар вазифаи муаллими калон дар муассисаи мазкур кору фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбарони илмӣ – доктори илмҳои физикаю математика, академики АМИТ, профессор Усмонов Зафар Ҷураевич ва доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоев Сайъло Ҳабибулоевич.

Муқарризони расмӣ:

- Муминов Баходир Болтаевич – доктори илмҳои техникӣ, профессор, мудири кафедраи зеҳни сунъии Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошкент.
- Ғафуров Миршафӣ Ҳамитович – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти

кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар: Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи муқарриз Кабилов М.М. доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири шуъбаи математикаи амалӣ ва механика навишта шуда, аз ҷониби директори институт, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Раҳимзода А.О. имзо шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» кори илмӣ-таҳқиқотии баитмомрасидаи дорои навгониҳо ва натиҷаҳои илман асоснокшуда буда, ба тамоми талаботи муқаррар шудааст, ҷавобгӯ буда, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба диссертатсия 6 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

Мақолаҳои илмии асосии муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:

[1 – М] **Пиров, С.М.** К разработке основ эвфонометрии слов [Текст] / З.Д. Усманов, С.М. Пиров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. - 2015. - №3 (160). - С. 39-42.

[2 – М] **Пиров, С.М.** Дар бораи баъзе масъалаҳои хушоҳангии матнҳои тоҷикӣ [Матн] / С.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017, -№ 4-3. -С.105-109.

[3 – М] **Пиров, С.М.** Таҳқиқи биграммаҳои “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ [Матн] / С.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017, -№ 1/5. - С.156-159.

[4 – М] **Пиров, С.М.** Алгоритм распознавания благозвучия таджикских слов при использовании униграмм [Текст] / С.М. Пиров // Доклады Национальной академии наук Таджикистана. -2022, т. 65, № 1-2. С.57-62.

[5 – М] **Пиров, С.М.** Алгоритми шинохти хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ бо истифодаи биграммаҳо [Матн] / С.М. Пиров // Паёми ДМТ, бахши илмҳои табиӣ. -2022. -№2. - С. 102-111.

[6 – М] **Пиров, С.М.** Алгоритм распознавания благозвучия таджикских слов при использовании триграмм [Текст] / С.М. Пиров //Вестник, Филиала МГУ им. В.М.Ломоносов в г.Душанбе, раздел информатика. -2023, Том 1, -№1 (29). -С. 35 - 42.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

1. Муминов Баходир Болтаевич – доктори илмҳои техникӣ, профессор, мудири кафедраи зеҳни сунъии Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошкент дар тақризи мусбати худ қайд кардааст. Рисолаи илмӣ мувофиқи талаботҳои

ҷойдошта омода гардида, натиҷаҳои асосии он дар 13 корҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалаҳои дорои эътибори КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба нашр расида, 2 шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии расмии барномаи компютерӣ ҳамчун моликияти зеҳнӣ гирифта шудааст. Инчунин эродҳои зеринро ҳам қайд намудааст:

1) Хуб мешуд, агар дар боби якуми диссертатсия формулаҳо ва моделҳои ченкунии хушоҳангии матнҳои забонҳои дигар дар параграфи алоҳида таҳлил ва муқоиса мегардиданд;

2) Сохтори умумии комплекси барномаи сохташуда ба пуррагӣ пешниҳод нагардидааст ва хуб мешуд, ки аз стандартҳои мавҷудбуда истифода мегардид;

3) Барои беҳтар гардидани раванди таҳқиқи масъалаи хушоҳангии матнҳо хуб мешуд, агар аз моделҳои дигар низ истифода мегардид;

4) Дар кор баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва услубӣ дида мешаванд;

5) Маҷмуаи барномаи пешниҳодшаванда имкониятҳоеро пешниҳод мекунанд, ки таҳти идораи системаи омилӣ Windows дар реҷаи офлайн кор мекунад. Беҳтар мешуд, агар ин раванд дар реҷаи онлайн ё барои телефонҳои мобилӣ ташкил карда мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

2. Ғафуров Миршафӣ Ҳамитович – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба рисола тақризи мусбат дода қайд намудааст, ки таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда дар он норасоиҳо ҳам дида мешаванд:

1) Баъзе хатогиҳои имлоӣ дар варианти русии автореферат дида мешаванд (Мисол: саҳ. 35, 44, 55);

2) Хуб мешуд, агар дар қисми муқаддимаи рисола оид ба натиҷаи дар параграфҳои 2.2 ва 2.3 пешниҳодшуда, маълумоти пурра пешниҳод мегардид;

3) Самаранокии кори барномаи пешниҳодгардида, дар муқоиса бо натиҷаҳои ба дастовардаи мутахассисон муқоиса нагардида он дар шакли графикӣ низ пешниҳод нашудааст;

4) Диссертант корҳои зиёдеро анҷом додааст. Беҳтар мебуд, агар барои баҳодиҳии хушоҳангии матнҳои тоҷикӣ модели наверо таҳия мекард.

3. Муассисаи пешбар – Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ (Кабилов М.М., доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири шуъбаи математикаи амалӣ ва механика). Автореферат ва кори диссертатсионӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида навишта шудааст. Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона

диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти оянда диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

1) Хуб мешуд, агар дар қисми муқаддимаи рисола оид ба натиҷаҳои олимони хориҷӣ маълумоти пурра пешниҳод мегардид;

2) Диссертант масъалаи муайянкунии сифати овозии калимаҳоро дида баромадааст. Хуб мешуд, агар алгоритми гурӯҳбандии калимаҳоро аз рӯйи сифати талаффузашон, пешниҳод мекард;

3) Дар бораи мурочиат ба пойгоҳи додаҳои барнома маълумоти кам ба назар мерасад;

4) Таҳлилҳои хубе оид ба гурӯҳбандии калимаҳои забони тоҷикӣ оварда шудааст. Беҳтар мешуд, агар теъдоди калимаҳои хушоҳангу душворталаффуз пешниҳод мегардид.

4. Саломиён Муҳаммаддовуд Қайюм – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба автореферати рисолаи илмӣ тақризи мусбат дода қайд менамоянд, ки маврид ба таъкид аст, ки дар самти ихтисоси 05.13.11 – Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ таҳқиқоти аз ҷониби Пиров Саидали Мирзоалиевич анҷом дода яке аз пажуҳишҳои аввалин аст. Аз ин рӯ, мавриди таҳқиқ қарор додани хусусиятҳои фонетикии забони тоҷикӣ аз ҷониби Саидали Пиров шоистаи таҳсин буда, он таҳқиқоти нав ба ҳисоб меравад. Дар автореферати рисолаи илмӣ баъзе норасогиҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1) Аломатҳои тавсифкунандаи хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ кам ба назар мерасанд;

2) Дар боби 2 ва 3-юми автореферат сухан дар бораи меъёрҳои хушоҳангӣ меравад, аммо дараҷаи таъсиррасонӣ ва ҳиссаи меъёрҳои пайдогардида муайян карда нашудаанд;

3) Ҳангоми таҳлил мавқеи овозҳо дар аввал, байн ва охири калимаҳо ба таври возеҳ нишон дода нашудаанд;

4) Дар баробари хушоҳангӣ ба ҷанбаҳои талаффузи душвор ҳангоми пайиҳам омадани овозҳои ҳамгун таваҷҷуҳ кардани муҳаққиқ барои сифатан беҳтар гардидани пажуҳиш мусоидат мекард.

Камбудиҳои зикршуда, моҳияти илмии таҳқиқоти илмии унвонҷӯро кам накарда, ҷанбаи тавсиявӣ доранд.

5. Шамсудинов Файзулло Мамадуллоевич – доктори илмҳои физика ва математика, профессори кафедраи таҳлили математикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав дар тақризи худ зикр менамояд, ки бори аввал дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон системаҳои худкори шинохти хушоҳангии матнҳои забони тоҷикӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта асосҳои он таҳия шудааст. Автореферат мустақилона навишта шуда, он натиҷаҳои илмиеро дарбар мегирад, ки дастовардҳои шахсии Пиров С.М. ба ҳисоб меравачд. Беҳтар мебуд, агар дар боби якуми рисола дар бораи амсилаҳои дар ин мавзуъ таҳияшуда маълумот бештар меовард. Унвонҷӯ масъалаи муайянкунии хушоҳангию душворталаффузии калимаҳоро дида баромадааст. Хуб мешуд, агар барномаи сохташуда аломатҳои душворкунандаи талаффузи калимаҳоро нишон медод.

6. Бобоев Лафиз Ғайбуллоевич., номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва фанҳои дақиқи филиали ДТТ дар ш. Исфара дар тақризи мусбати худ навиштааст, ки бори нахуст критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳо дар асоси таҳлили фонетикии забони тоҷикӣ таҳия шудаанд. Инчунин қайд менамояд, ки баъзе истилоҳоте, ки дар автореферат истифода шудаанд (масалан, "хушоҳангӣ"), метавонистанд бо тавзеҳоти иловагӣ шарҳ дода шаванд, то мафҳуми онҳо барои хонандагоне, ки мутахассиси ин соҳа нестанд, равшантар гардад.

7. Муҳамедова Ш.Ф., номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии ДДҲБСТ дар тақризи мусбати худ овардааст, ки кор дорои як қатор ҷиҳатҳои қавӣ мебошад, мавзуъ мубрам ва саривақтӣ буда усулҳои навини математикӣ бо забоншиносӣ муттаҳид карда шудаанд, натиҷаҳо бо ҳисобу озмоишҳои компютерӣ асоснок карда шудаанд. Дар баробари ин, баъзе нуқсонҳо низ ҳастанд, масалан, алгоритмҳои модели математикӣ пурра шарҳ дода нашудаанд ва маълумот оид ба триграммаҳо барои калимаҳои душворталаффуз комил нестанд. Бо вуҷуди ин, ин камбудиҳо сатҳи илмии диссертатсияро паст намекунанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда ислоҳ шаванд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо мутахассисони маъруфи соҳаи таҳқиқотӣ ба ҳисоб рафта, соҳиби корҳои илмии банашррасонидашудаи ба мавзуи диссертатсия наздик мебошанд.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда мешавад, ки дар Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ олимони маъруфу мутахассисони босалоҳияти соҳаи амсиласозии математикӣ, барномасозӣ ва шабакаҳои компютерӣ ба кору фаъолият фаро гирифташуда, дастовардҳои бузурги илмиву техникӣ, аз ҷумла ба мавзуи диссертатсия наздикро доранд ва метавонанд арзишҳои илмӣ, техникӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро объективона арзёбӣ намоянд.

Унвонҷӯ доир ба мавзуи диссертатсия 13 маводи интишорӣ дорад, ки 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА - и назди Президенти ҶТ ба нашр расидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро дуруст инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Гузориши масъала ва усулҳои тадқиқ аз ҷониби роҳбарони илмӣ пешниҳод карда шудааст. Ба ғайр аз ин роҳбарони илмӣ ба муаллифи рисола кӯмаки машваратӣ расонидаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- **коркард карда шуд**, маҷмуаи матнии калонҳаҷм барои омӯзиш ва гузаронидани озмоишҳои гуногуни илмӣ аз ҷумла муайянкунии хушоҳангии калимашаклҳо, асосҳои андозагирии хушоҳангии матнҳои тоҷикӣ ва асосҳои низоми шинохти худкори хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ;

- **пешниҳод шудааст**, лоиҳаи маҷмааи барномаи компютерӣ барои ба таври худкор муайян кардани хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ ва меъёрҳои миқдорию сифатӣ барои баҳодиҳии душвортаталаффузии калимаҳои тоҷикӣ;

- **исбот шудааст,** самаранокии таснифгари Усмонов З.Ҷ., ҳамчун методи нав ва мувофиқ барои гурӯҳбандӣ ва муайян кардани хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ;

- **ҷорӣ гардидааст,** асосҳои андозагирии хушоҳангӣ, низоми шинохти худкори хушоҳангии калимашаклҳо, фарҳанги луғавии калимашаклҳои хушоҳанг, арзёбии хушоҳангиву душворталаффузии матнҳо.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст,** ки:

- **исбот намудани** масъалаи хушоҳангии калимаҳо бо истифода аз γ-таснифгари Усмонов З.Ҷ. ва ҳисоб намудани симоҳои рақамӣ ва масофаи байни ҷуфти гурӯҳи калимаҳо;

- **истифода бурдани** усули таҷрибавӣ, усули нави таснифоти бузургиҳои тасодуфии фосиладор ва самаранокии татбиқи он бо мақсади шинохти худкори хушоҳангии калимашаклҳои чопии тоҷикӣ;

- **баён шудани** амсилаи риёзии ℍ-гипотезаҳо барои муайян кардани якҷинса ё ғайриякҷинса будани гурӯҳи калимаҳои забони тоҷикӣ;

- **омухта шудааст**, меъёрҳои миқдорию сифатии арзёбии хушоҳангии калимаҳои забони тоҷикӣ;

- **аз нав такмил додани** меъёрҳо ва алгоритмҳои тасниф ва шинохти хушоҳангии калимаҳои забони тоҷикӣ;

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

- **коркард ва ҷорӣ карда шудаанд**, муҷтамаи барномавии дар доираи

кори диссертатсионӣ таҳиягардида «ХУШСАДО» номгузорӣ шудааст ва дар муассисаҳои зерин истифода бурда мешавад:

1. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
2. Донишкадаи забон ва адабиёт ба номи А.Рӯдакӣ.

- **муайян карда шуданд**, аломатҳои муайянкунандаи хушоҳангии калимаҳо, ки дар оянда замина барои таҳияи фарҳанги луғавии калимаҳои хушоҳанг ва низомҳои худкори баҳодиҳии хушоҳангии матнҳои асарҳо, китобҳои дарсӣ, имтиҳонҳои хонандагону донишҷӯён ва эҷодиёти ҳаргуна муаллифон мегузорад.

- **офарида шуд** асосҳои андозагирии хушоҳангӣ, маҷмааи барномаи компютерӣ барои коркарди матнҳои тоҷикӣ ва хушоҳангии онҳо;

- **муаррифӣ карда шуд** маҷмааи барномаи компютерии Хушсадо барои ба таври худкор муайян кардани хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ. Таҳияи низоми шинохти худкори хушоҳангии калимаҳо имконияти сохтани фарҳанги луғавии калимашаклҳои хушоҳангро медиҳад, ки он дар оянда метавонад қисми зарурии пайкараи матнҳои забони тоҷикӣ гардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки:

- **эътимоднокии** натиҷаҳои илмии кор бо истифодаи усулҳои гуногуни фонетикӣ ва математикии дар диссертатсия овардашуда асоснок карда мешаванд;

- **назария дар асоси** дурустии натиҷаҳои бадастовардашуда бо ёрии компютер сохта шудааст, ҳамчунин бо донишҳо ва озмоишҳои соҳаи фонетикаи забони адабии тоҷикӣ ҳамоҳанг карда шудааст;

- **дурустии ғояи** таҳқиқоти мазкур дар натиҷаи гузаронидани озмоиҳои гуногун ва натиҷаҳои бадастовардашуда асоснок шудааст;

- **истифода шудани** натиҷаҳои маълуми назариявӣ дар татбиқи амсилаҳои риёзии пешниҳодгардида ба таври муфассал пешниҳод гардидааст;

- **муайян шудаанд** формулаҳои ҳисоб намудани симоҳои рақамӣ ва масофаҳои байни гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои калимаҳо, меъёрҳои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои забони тоҷикӣ;

- **истифода карда шудани** натиҷаҳои бадастовардашуда, ки бисёр масъалаҳои амалии забоншиносӣ ва дигар бахшҳои онро бо ёрии усулҳои математикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ҳал карда мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Муҳокимаҳо ва интишороти натиҷаҳои илмӣ бо ҳаммуаллифон, роҳбари илмӣ гузаронида шуданд, аммо мундариҷаи асосии ин таҳқиқот ва муқаррароти дифоъ саҳми шахсии муаллифро дар кори иҷрошуда инъикос мекунанд. Барномаи компютерии аз ҷониби муаллиф коркардшуда дар Маркази патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун захираи интеллектуалӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар маҷлиси 05.09.2025 Шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Пиров Саидали Мирзоалиевичро бо дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар докторон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар ҳайати умумии Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа чунин овоз доданд: тарафдор – 15 нафар; муқобил – нест; бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.т., профессор — Қаландарбеков И.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии
6D.КОА-049, н.и.т., дотсент — Султонзода Ш.М.

Санаи барасмиятдарории хулоса **_5 сентябри соли 2025_**

Ҷ.М.

**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-049-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

**аз 05 сентябри соли 2025, № 17** **ш. Душанбе**

Суханронии Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ», тақризи муассисаи пешбар – Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ, суханронии муқарризони расмӣ – Муминов Баходир Болтаевич - доктори илмҳои техникӣ, профессор, мудири кафедраи зеҳни сунъии Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошкент, Ғафуров Миршафӣ Ҳамитович – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, муқарризони ғайрирасмӣ – д.и.ф.-м., профессор, академики АМИТ Илолов М.И., д.и.т., дотсент Худойбердиев Х.А., д.и.т., дотсент Юлдашев З.Ш. ва д.и.т., профессор Қаландарбеков И.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Пиров Саидали Мирзоалиевич

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1.Диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2.Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Пиров Саидали Мирзоалиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои техникӣ ба Пиров Саидали Мирзоалиевич аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.т., профессор — Қаландарбеков И.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, н.и.т., дотсент — Султонзода Ш.М.
Ҷ.М.

***5 сентябри соли 2025***